## Дарси 7. Хориҷкунӣ - дохилкунии додашудаҳо. Функсияҳои InputBox ва MsgBox

### Равзана ва функсияи InputBox

Шумо аллакай бо объекте шинос шудед, ки ба истифодабаранда имконияти даровардани ахборот медиҳад. Ин майдони матнӣ. Тарзи дигари дохилкунии ахборот истифодабарии функсияи InputBox мебошад. Ин функсия равзанаи InputBox-ро даъват мекунад (расми 7.1).




**Расми 7.1**

Равзанаи InputBox аз 4 элемент иборат аст:

- сатри сарлавҳа (*title*) ;
- даъват ба дохилкунӣ (*prompt);*
- майдони дохилкунӣ бо қиматҳо, тавсия аз рӯи хомушӣ (*default) ;*
- ду тугмача ( *<OK> ва <Cancel>).*

**Намуди умумии функсияи InputBox**

P=InputBox (Даъваткунӣ [,Сарлавҳа][,Қимат аз рӯи хомушкунӣ] [,X] [,У]) ,

дар ин ҷо,
P- *қимати баргардандаи функсия,*
X ва Y - *координатаҳои кунҷи чапи болоии равзана.*

Ҳамаи параметрҳои ғайриҳатмӣ дар қавсҳои квадратӣ нишон дода шудаанд.

Ҳангоми пахши тугмачаи <OK> функсияи InputBox сатреро бармегардонад, ки аз тарафи истифодабаранда дохил шудааст. Ва дар вақти пахши <Cancel> сатри холиро бармегардонад.

**Лоиҳаи 7.1**

**Гузориши масъала**

*Лоиҳае иҷро карда шавад, ки дар он номи истифодабаранда талаб карда шуда, сипас даъвати кӯтоҳ дар форма бо истифодаи қиматҳои баргардондашавии функсияи InputBox хориҷ шавад.*

**Тартиби иҷрои кор**

1. Дар форма як тугмаи командавӣ ҷойгир кунед (расми 7.2).




**Расми 7.2**

2. Хосияти қиматҳои Name барои форма ва тугмачае, ки дар коди программавии поён истифода мешавад, муайян намоед.

3. Коди программавии лоиҳаро нависед. Мустақилона ҷойҳои холиро пур кунед (…) ;

**Private Sub cmdТабриккунӣ _Click ()**

```
Dim YourName As String
YourName = InputBox (“Номи худро дохил кунед”,”Ном”) ‘Ба тағирёбандаи YourName қиматеро диҳед, ки истифодабаранда ба воситаи тирезаи InputBox дохил мекунад (рас.3.5)
cmdТабрикот.Visible=False
With frmТабрикот
… ‘Мустақилона намуд, андоза, шакли зоҳирӣ ва ранги ҳуруфро, ки ‘дар форма чоп мешавад, муайян намоед
```

```
...
End With
```

... *‘ Аз усули Print ва функсияҳои Spc ё Tab истифода бурда, маълумоте, ки дар расми 7.4 оварда шудааст, ноил шавед.*

**End Sub**




**Расми 7.3**




**Расми 7.4**

4. Қисми матн мумкин аст ноаён бошад. Барои ҳамин ба форма қимати хосияти AutoRedraw муқаррар намоед (расмбарории автоматӣ) , ки ба true баробар аст ва камбудӣ барҳам дода мешавад.

## Равзанаи MsgBox

Барои баровардани ахборот дар муҳити Visual Basic, равзанаи MsgBox мавҷуд аст. Вай нисбати лоиҳа модалӣ мебошад. Ин онро нишон медиҳад, ки бо замима кор кардан мумкин нест, то он даме ки тирезаи ахборот маҳкам нашудааст.

Намуди равзанаи ахборот метавонад ҳархела бошад, аммо ба ҳайати он ҳатмӣ: матни ахборот (Prompt) , сарлавҳа (Title) , пиктограмма ва гуруҳи тугмаҳо, дохил мешаванд.

Намуди умуми оператори **MsgBox**

**MsgBox МатниАхборот [,Доимӣ] [,Сарлавҳа]**

Дар кучо, Доимӣ – доимии бутун (ё ин ки якчанд доимиҳо) буда, муайян мекунад, ки кадом тугмаҳо (комбинатсияи тугмаҳо) ва пиктограммаҳо дар равзанаи ахборот намудор мешаванд.

Параметрҳои ғайриҳатмӣ дар қавси квадратӣ оварда шудаанд. Параметри Доимӣ шакли берунии тирезаи MsgBox –ро муайян мекунад. Қимати параметр аз ҳисоби якҷоякунии якчанд қиматҳое ташкил меёбанд, ки метавонад категорияҳои зеринро дар бар гирад: Button, Icon, Default, Modal, Extras.

Барои категорияи *Button, Icon, Default* ва *Modal* мумкин аст фақат як аз константҳо ва барои категорияи Extras мумкин аст комбинатсияи қиматҳо қабул шаванд.

Дар ҷадвали 3.3 доимӣҳои тирезаи MsgBox оварда шудаанд

Ҷадвали 7.1

| **ДОИМӢ** | **ҚИМАТ** | **НАВИШТ** |
|---|---|---|
| КАТЕГОРИЯИ BUTTON | | |
| VbOKOnly | 0 | фақат тугмаи <OK> |
| VbOKCancel | 1 | Тугмаи <OK> ва <Отмена> |
| VbAbortRetryIgnore | 2 | Тугмаи <Стоп>,<Повторить>, <Пропустить> |
| VbYesNoCancel | 3 | Тугмаи <Да> <Нет> ва <Отмена> |
| VbYesNo | 4 | Тугмаи <Да> ва <Нет> |
| YbRetryCancel | 5 | Тугмаи <Повторить> ва <Отмена> |
| КАТЕГОРИЯИ ICON | | |
| YbCritical | 16 | Инъикоси пиктограммаи Critical Message  |

| | | |
|---|---|---|
| VbQuestion | 32 | Инъикоси пиктограммаи Warning Query |
| VbExclamation | 48 | Инъикоси пиктограммаи Warning Message |
| VbInformation | 64 | Инъикоси пиктограммаи Critical Information Message |
| КАТЕГОРИЯИ DEFAULT | | |
| VbDefaultButton1 | 0 | Аз рӯи хомушкунӣ тугмаи якум фаъол аст |
| VbDefaultButton2 | 256 | Аз рӯи хомушкунӣ тугмаи дуюм фаъол аст |
| VbDefaultButton3 | 512 | Аз рӯи хомушкунӣ тугмаи сеюм фаъол аст |
| VbDefaultButton4 | 768 | Аз рӯи хомушкунӣ тугмаи чорум фаъол аст |
| КАТЕГОРИЯИ MODAL | | |
| VbApplicationModal | 0 | Равзанаи мулоқотии модалии гузариш |
| VbSystemModal | 4096 | Равзанаи мулоқотии модалии система |
| КАТЕГОРИЯИ EXTRAS | | |
| VbMsgBoxHelpButton | 16384 | Тугмаи иловагӣ барои пурсиш |
| VbMsgBoxSetForeground | 65536 | Инъикоси тирезаи диалогӣ дар режими манзаравӣ |
| VbMsgBoxRight | 524288 | Матн ба тарафи рост баробар карда шудааст |
| VbMsgBoxRtReading | 1048576 | Матн аз тарафи чап ва рост инъикос меёбад (яҳудӣ, арабӣ) |

**Функсияи MsgBox ()**

Агар ба шумо лозим шавад, ки на танҳо ягон ахборот ба истифодабаранда дода шавад, балки гирифтани ахборот дар бораи он ки кадом ҳалро истифодабаранда қабул кард, функсияи MsgBox истифода мешавад. Ин функсия на танҳо тирезаи ахборотро инъикос мекунад, балки баъзе қиматҳоро бозмегардонад (ҷавоби истифодабаранда дар бораи он ки кадом қарорро қабул кард).

**Намуди функсияи MsgBox ()**

ҚиматиБаргарданда = **MsgBox** МатниАхборотӣ[, Доимӣ] [,Сарлавҳа]

Дар ин ҷо, ҚиматиБаргарданда имконият медиҳанд, ки муайян кунем кадом тугмаро истифодабаранда зер кунад.

Дар ҷадвали 7.2 қиматҳои функсияи **MsgBox** оварда шудаанд. Категорияи Default (тугмача аз руи хомуши фаъол) ҳамин тарз муайян карда шавад, ки дар сурати зеркунии тасодуфии клавиши [Enter] амалиёт ба протседураи коркард на бояд зарари калон биёранд.

Масалан, ба равзана бо саволи "Удалить все внесённие изменения? (Да/Нет) " таъинкунии тугмаи <Да> фаъол карда шавад.

Ҷадвали 7.2

| **Доимӣ** | **Қимат** | **Тугмаи пахшшуда** |
|---|---|---|
| VbOk | 1 | <Ok> |
| VbCancel | 2 | <Отмена> |
| VbAbort | 3 | <Стоп (Прервать) > |
| VbRetry | 4 | <Повторить> |
| VbIgnore | 5 | <Пропустить> |
| VbYes | 6 | <Да> |
| VbNo | 7 | <Нет> |